# ШУЪБАИ ХӮРОНИДАНИ ЧОРВО

## ҲАЙАТИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА



**Байгенов Фарух**
**мудири шуъба**



**Раҷабова Зулфия**
**мутахассис .**



**Эмомова Алқосбӣ**
**Ташхисгар**

## АЗ ТАЪРИХИ
## ШУЪБАИ ХӮРОНИДАНИ ЧОРВО

Дар натиҷаи азнавташкилдиҳии институт соли 2020 шуъбаи хӯронидани чорво ва технологияи истеҳсоли хӯрока ташкил гардид. Дар давраи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи хӯронидани чорво ва технологияи хӯроки чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳ ба таҳия ва пешниҳоди меъёрҳои илман асосноккардашудаи хӯронидани намудҳои гуногуни чорвои дар ҷумҳурӣ парваришёбанда машғул мебошад. Олимони шуъба дар асоси таҷрибаҳои физиологии гузаронидашуда бо намудҳои гуногуни чорво, воях̣ои хӯрока ва технологияи муосири хӯронидани чорворо ба хоҷагиҳо пешниҳод менамоянд. Мувофиқи меъёр хӯронидани чорво дар асоси таҷрибаҳои илмӣ сохтани меъёрҳои хӯронидани чорво асоси баланд бардоштани маҳсулнокии онҳо мебошад. Бинобар ин олимони шуъба бо назардошти пешрафту тараққиёти илмӣ хӯронидани чорво ва таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ таҳқиқотҳои илмияшонро ба роҳ монда, ба хоҷагиҳо меъёрҳои ба шароити ниго̄хубин ва парвариши мувофиқро пешниҳод менамоянд.

Таҷриба оид ба таъсири премикс ва бентонит, ки дар ратсиони хӯрока илова гардидааст, бо муайян намудани балансӣ моддаҳои минералӣ ба мубодилаи калсий ва фосфор дар организми модаговҳо гузаронида шудааст.

Самаранок истифодабарии иловагиҳои минералию витаминдор премиксҳои истеҳсоли ватании «Алояк», «Кауфит имунно фертил» истеҳсоли Федератсияи Русия, RUMINANT 100 G/J) истеҳсоли фирмаи «NUTRISTAR» дар таркиби воях̣ои хӯрокаи модаговҳо, барои ҷараёни мӯътадили ҳолати мубодилаи моддаҳо мусоидат намуда, маҳсулнокии шири онҳоро нисбатан баланд мебардорад.

Таҷрибаҳои физиологӣ дар солҳои 2018-2023 оид ба самарабахш хӯронидани чорво ва дар таркиби хӯрока илова намудани моддаҳои минералии маҳаллӣ ва пермиксҳои истеҳсоли ватанию хориҷӣ дар хоҷагии кооперативии ба номи А.Юсупови ш. Ҳисор ва Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ гузаронида шуд.

Дар давраи истиқлолият аз тарафи кормандони шуъба 139 мақола, 3 китоб 11 дастурамали таълимӣ ва методӣ ба нашр расонида шудааст. Дар ин давра дар шуъба 2 нафар рисолаи номзадии худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ҳимоя намудаанд.



**Илова намудани маводҳои минералӣ ва витаминӣ, воях̣ои самарабахши хӯронидани чорво**



**Муайян кардани таркиби хӯроки чорво**



**Омода намудани ҳисоботи шуъба**